5158 - Оё метавонад ба кишварҳои кофирон ба хотири робитаи хешовандӣ сафар бикунад?

савол

Ҳукми рафтан ба дидори дӯстону хешовандон дар Амрико чист? (Ба хотири ба даст овардани ризогии Аллоҳ, на ба хотири бозӣ ва суханони беҳуда). Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Сафар ба кишвари куфр ҷоиз нест, ба истиснои ҳолатҳои зарурӣ, аз қабили таҳсил, ки дар кишварҳои мусалмонон вуҷуд надорад ва ё барои табобат, ба шарте, ки мусофир дине дошта бошад, ки ӯро аз шаҳватҳо ҳимоя намояд ва илме дошта бошад, ки ӯро аз шубҳаҳо нигаҳ дорад. Зиёрати хешовандон ва робитаи хешовандӣ бо роҳҳои камтар аз ин ҳам ба даст оварда мешавад. Метавонед бо онҳо тамос гиред, аз тариқи василаҳои гуногун ба онҳо нома нависед ва ё салому тӯҳфаҳои худро ба онҳо бифиристед ва ҳоказо. Инсон набояд худро ба хатари сафар ба кишварҳои кофирон ва содир кардани гуноҳ ба хотири чизе, ки бо василаҳои дигар ҳам ба даст меояд, дучор кунад.

Аллоҳ донотар аст.